**ТАҚРИЗИ**

роҳбари илмӣ, доктори илмҳои филология Мухторов Зайнидин Мухторович ба диссертатсияи илмии Тоҷидинзода Парвина дар мавзуи “Вижагиҳои ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ (дар заминаи осори Абдуллоҳи Ансорӣ)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) пешниҳод гардидааст

Даҳсолаҳои ахир дар забоншиносии тоҷик таҳқиқоти қобили таваҷҷуҳ ва назаррас дар самти пажуҳиши хусусиятҳои забонии осори адибон ва махсусан осори мансури адабиёти классикӣ ба таври рӯзафзун рӯи кор меояд. Дар баробари фарогирии мавзуъҳои гуногун ва пуробурангии таҳқиқоти забоншиносӣ ҳанӯз ҳам масъалаҳои мубрам барои таҳқиқоти бунёдиву фарогир боқӣ мемонанд. Дар ин росто таҳқиқоти илмии Тоҷидинзода Парвина дар мавзуи “Вижагиҳои ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ (дар заминаи осори Абдуллоҳи Ансорӣ)” аз чунин таҳқиқоти мубрам ва арзишманд муаррифӣ мешавад, ки дар он як намуди махсус ва басо ҷолиби диққати конструксияи забонӣ, яъне ибораҳо дар навъи вижаи насри мусаҷҷаъ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқ дар он дида мешавад, ки дар замони муосир ва даврони дигаргуниҳои назаррас таваҷҷуҳ ба масоили гуногуни осори адабиёти классикӣ бо назардошти омӯзиши имкониятҳои услубию маънои забон бештар гардида, доир ба паҳлуҳои гуногуни масъалаи мазкур асару мақолаҳои зиёде таълиф шуда истодаанд.

Бинобар ин мубрамияти мавзуи мазкур аз он бармеояд, ки таҳқиқи вижагиҳои ибораҳои номӣ ҳамчун ҷузъи муҳими синтаксисии забони тоҷикӣ дар асоси осори адабиёти классикӣ ба масъалаҳои баҳсноки забони адабии тоҷик бо такя бар таҳаввулоти таърихии забон равшании бештар хоҳад афканд.

Бо ҳамин тартиб, диссертатсияи илмии Тоҷидинзода Парвина дар мавзуи “Вижагиҳои ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ (дар заминаи осори Абдуллоҳи Ансорӣ)” барои дарёфти **дараҷаи илмии доктор PhD аз рӯйи ихтисос ба риштаи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) комилан мувофиқат мекунад.**

Таҳқиқу омӯзиши вижагиҳои ибораҳои насри мусаҷҷаъ дар нигоштаҳои Абдуллоҳи Ансорӣ ҳамчунин аз он ҷиҳат муҳим ва зурурӣ арзёбӣ мешавад, ки мероси адабии ин орифу суханвар ва донишманди маъруф аввалан аз нигоҳи услубу нигориш ва имконоти сухангустарӣ ва истифодаи нозукиҳои забон ва баъдан аз нигоҳи муҳтаво ва моҳияти илмиву адабӣ, фарҳангиву ирфонӣ, фалсафӣ ва таърихӣ дар забоншиносии муосир ҷойгоҳи вижа дошта, қобили омӯзиши амиқу фарогир аст.

Мақсади таҳқиқ омӯзишу таҳлил ва баррасии илмии вижагиҳои забонии он, маъсусан вижагиҳои ибора ва конструксияҳои он дар контексти насри

мусаҷҷаъ ва дигар хусусиятҳои матни асари мазкур аз нигоҳи илми забоншиносӣ чун як икдоми тоза пайгирӣ мешавад ва дар ин замина пажуҳиши ибораҳои номӣ бо назардошти вижагиҳои сохтор, маъно, навъҳои алоқа, усул ва тартиби корбурди ибораҳои номӣ, хусусиятҳои ифоданокиву муассирии онҳо дар насри мусаҷҷаъ аз рӯйи осори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ муқаррар шудааст. Барои расидан ба мақсади мушаххасгардида унвонҷӯй вазифаҳои муҳими таҳқиқотиро аз қабили муайян намудани таҳқиқи хронологии ибора дар таърихи забони адабии тоҷик, муайян намудани хусусиятҳои фарқкунандаи ибора дар насри мусаҷҷаъ, таҳқиқи нозукиҳои истифодаи ибораҳо ва сохтори онҳо дар насри мусаҷҷаъ, таҳлилу таснифи истифодаи навъҳои алоқаи ибора, нақш ва меъёри он дар асар ва мушаххас намудани раванди таҳаввули ибораҳои номӣ дар забони адабии тоҷик ва гунаҳои ифоданокиву корбурдии онҳо дар адабиёти бадеӣ бомуваффақият анҷом додааст.

Аҳамияти назарии диссертатсияи мазкур дар пажуҳишу баррасии илмии ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ аст, ки то кунун доир ба ибораҳои номӣ чи дар назм ва чи дар наср пажуҳишҳои фарогири илмӣ анҷом дода нашудаанд. Ҳамчунин аҳамияти илмию назарии диссертатсия дар он дида мешавад, ки хулосаҳои илмии бадастомада ва натиҷаҳои таҳқиқот барои пажуҳишҳои минбаъда заминаи арзишманд ва муносиб муаррифӣ гардида, бо андозаи заррӣ ҷолиб ва манбаи қобили мавриди истифода барои таҳқиқоти минбаъда дониста мешавад. Натиҷагирӣ ва дастовардҳои илмии ин тадқиқот дар ҳалли як қатор масоили назариявии ибора, конструксияҳои иборасозӣ, навъҳои алоқаи он, услубиёти идора ва маънои он, ифоданокӣ ва дигар вижагиҳои синтаксисии он дар таҳқиқи осори насрии адабиёти бадеӣ ва забони адабӣ бештару беҳтар мусоидат менамоянд. Дар баробари ин муқоисаи маводи таҳлилшуда барои муайян кардани раванди инкишофи таърихии ибора дар забони тоҷикӣ, вижагиҳои сохториву корбурдӣ ва маъноии он дар давраҳои гуногуни таърихи забони тоҷикӣ дорои аҳамияти мушаххаси илмию назарӣ аст.

Навгонии диссертатсия, аввалан дар он дида мешавад, ки ин пажуҳиш дар забоншиносии тоҷик нахустин таҳқиқоти илмӣ оид ба қолабҳои вижаи ибораҳои номии осори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ буда, асосан шаклҳои ибораоройӣ, ҷаззобияти забону услуби эҷодӣ, истифодаи нотакрори қолабҳои гуногуни ибора, ибораороиҳои услуби саҷъ ва муассирии сухани бадеӣ бори нахуст мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор дода шудааст. Илова бар ин, дар диссертатсия вижагиҳои сохтори грамматикии ибораҳои номӣ бо назардошти муқоисаву муқобала бо қолабҳои ибораҳои номии забони адабии муосири тоҷикӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Ғайр аз ин хусусиятҳои корбурди ибора, таҳаввули сохтор ва маънои ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ аз рӯйи навъҳои алоқа баррасӣ гардидааст. Дар ин росто зимни таҳқиқ масъалаҳои ҳунари суханварӣ ва маҳорати эҷодии Абдуллоҳи Ансорӣ мутаносибан ба

истифодаи бамавриди вожагон ва қолабҳои гуногуни иборахо, ҳунари ибораорой ва эҷоди сухани муассир, истифодаи қолабу таркиб ва гунаҳои ибора дар осори бадей мавриди таҳлилу омӯзиши амиқ қарор гирифтааст.

Арзиши амалии таҳқиқоти дар диссертатсияи мазкур суратгирифта дар он дида мешавад, ки натиҷаҳои тадқиқот барои таълими фанҳои марбут ба забон ва забоншиносӣ чун морфология ва синтаксис, услубшиносӣ, маданияти нутқ, таҳлили матни бадей, муайян кардани ҷанбаҳои маъноию забонии воситаҳои тасвири бадей, таҳияи луғати ибораҳои номӣ, таълифи фарҳангҳои тафсирию фарҳанги осори шоирон ва таълифи китобҳои дарсию дастуру васоити таълимӣ ба таври самаранок мавриди истифода қарор мегирад. Қисматҳои алоҳидаи ин кор ба ҳайси маводи фанни тахассусӣ дар риштаҳои забоншиносӣ, тарҷумаи бадей, матншиносӣ ва ихтисосҳои филологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавонанд мавриди истифода қарор гиранд. Дар баробари ин хулоса ва натиҷаҳои илмии тадқиқоти мазкур метавонад барои таҳияи дастури лозиме дар ҷараёни таълими забонҳои тоҷикию форсӣ барои омӯзгор дар курсҳои махсуси омӯзиши забон, ҳамчунин маводи дастрас барои донишҷӯён зимни навиштани корҳои курсию дипломӣ истифода гардад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб ва фаслу зерфаслҳои мантиқан мураттабу пайдарҳам, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат аст ва андозаву мундариҷаи он ба талаботи муосири диссертатсияҳои илмӣ комилан ҷавобгӯй аст.

Дар асоси нуктаҳои зикргардида таъкид кардан муҳим аст, ки диссертант ба ҳадаф ва вазифаҳое, ки дар назди худ гузоштааст, муваффақ гардидааст. Аз муҳтавои диссертатсия бармеояд, ки муҳаққиқ бо сабки хуби илмӣ ошно буда, аз малакаҳои хуби нигориши илмии худ дар мақолаҳои илмии интишорнамуда низ корбарӣ намудааст. Довталаби дараҷаи илмӣ **доир ба мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ таълиф намудааст**, ки аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои интишоршуда нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) мувофиқ мебошанд.

**Саҳми шахсии муаллиф дар мушаххас намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот**, таҳқиқи маъхазҳо вобаста ба вазифаҳои таҳқиқот, таҳлили дақиқи вижагиҳои ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ дар заминаи осори Абдуллоҳи Ансорӣ, таҳияи мавод ва бобу фаслҳои диссертатсия, муайян намудани самтҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи илмӣ дида мешавад. Ҳамчунин саҳми назарраси муҳаққиқ дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст вижагиҳои ибораҳои номӣ бо хусусиятҳои ҳамоҳангиву мавзуният дар эҷоди навъи вижаи

наср, яъне насри мусаҷҷаъ мавриди таҳқику таҳлил ва муқоисаву тасниф қарор дода шудааст.

*Бинобар ин ҳамчун роҳбари илмӣ диссертатсияи илмии Тоҷидинзода* Парвинаро дар мавзуи “Вижагиҳои ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ (дар заминаи осори Абдуллоҳи Ансорӣ)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD аз рӯйи ихтисоси рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) пешниҳод гаґдидааст, ба талабот ҷавобгӯй дониста, барои дифоъ тавсия менамоям.

Ректори Донишкадаи рушди менеҷменти
Сингапур дар шахри Душанбе,
доктори илмҳои филология Мухторов
Зайнидин Мухторович

Сана: 04.11.2024

734025, ш. Душанбе, куч. Саид Носир 33
тел./факс (992 37) 228-91-51; тел.: (992) 907801822
mukhtorov67@gmail.com